Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дар мавзӯи «Ғоратгарӣ: масоили ганзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 29 саҳ)

Танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии ғоратгарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҶТ ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла, ҷиноятҳо ба муқобили моликият чораҳои назаррас андешида шуда истодаанд. Қабул гардидани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, таҳияи Лоиҳаи нави КҶ ҶТ аз ин шаҳодат медиҳад. Вале мувофиқи маълумотҳои оморӣ сатҳи ҷинояткорӣ дар ҶТ ҳоло ҳам рӯ ба афзоиш дорад. Чунончӣ, агар дар соли 2020 дар ҶТ 23460 ҳазор ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас соли 2021 ин шумора қариб ҳазорто зиёд шуда ба 24118 ҳазор расидааст. Дар рӯйхати ҷиноятҳои бақайдгирифташуда сатҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла, дуздӣ ва қаллобӣ бештар буда, онҳо вобаста ба шумора дар мавқеъҳои аввалин ҷойгир мебошанд. Сатҳи содиршавии ғоратгарӣ низ назаррас буда, шумораи зиёди содиршавии ин ҷиноят ба назар мерасад. Масалан, соли 2017 – 145 адад, соли 2018 – 168 адад, соли 2019 – 120 адад, 2020 – 131 адад, 2021 – 111 холати навӣ содиршавии ҷинояти ғоратгарӣ ба қайд гирифта шудааст.

Ғоратгарӣ ҳар чӣ бештар бо ҳолатҳои вазнинкунанда: бо роҳи ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ба миқдори калон содир мешаванд. Ҳолатҳои зикршуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки чораҳои пешгирии ғоратгарӣ то ҳанӯз пурра ва самаранок ҳисоб намешаванд.

Аз ин ҷо зарурати омӯзиши вазъи танзими қонунгузории таркиби ҷиноятӣ мазкур ва ҷавобгарӣ барои содирнамоии он, такмил додани амалияи дахлдори ҳуқуқтатбиқнамоӣ, баланд бардоштани фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирии ғоратгарӣ зарур мебошад.

Барои ҳамин, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ он вақт дуруст ҳисобида мешавад, ки агар аломатҳои таркиби ҷинояте, ки дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, бо аломатҳои кирдори воқеие, ки шахс содир кардааст, пурра мувофиқ оянд. Чунин таҳлиле, ки аз муқоиса кардани аломатҳои таркиби ҷиноят бо аломатҳои кирдори содиршуда бармеояд, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «квалификатсияи ҷиноят» арзёбӣ мегардад.

Новобаста аз ин, ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Мирзоев Қобилҷон Холмуродович ба паҳлӯҳои норавшани масъалаҳои ғоратгарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ оид ба ғоратгарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омодасозии стратегия, барнома ва

консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои (механизмҳои) ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзӯи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем:

Дар амалия ҳолатҳое дучор мегарданд, ки кирдор дар аввал ҳамчун роҳзанӣ бандубаст гардида, баъдан ҳамчун ғоратгарӣ аз сари нав бандубаст карда мешавад ё баръакс. Чунин ҳолат ба таносуби таркиби ғоратгарӣ ва дуздӣ низ тааллуқ дорад. Дар баъзе ҳолатҳо саҳв нисбати бандубаст ҳангоми баҳои нодуруст додан ба шиддатнокиву дараҷаи зӯроварӣ, ки ҳангоми гирифтани молу мулки ғайр истифода мешавад, инчунин нодуруст баҳо додан ба усули содир намудани тасарруф (пинҳонӣ ё ошкоро) ҷой дорад (саҳ. 6).

Дар автореферат масъалаи мавриди назар пурра шарҳ дода нашудааст. Хубтар агар мебуд диссертант оиди масъалаи мазкур пурра маълумот пешкаш менамуд. Аммо эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳад, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмуъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дар мавзӯи «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва муқовимат бо он» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба

талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети
№ 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
майори милитсия **С.С. Нарзуллозода**

Имзои Нарзуллозода С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия **Б.З. Музаффарзода**

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кучаи М. Мастонгулов. 3 тел: + (992 37) 226-36-13, 226-33-92, 226-28-92 факс: +(992 37) 226-30-19. Веб сайт www.avkd.tj, E-mail - avkdtj.@mail.ru

«10» 01 2023 с.